**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)**

Дар шароити муосир таҳқиқ намудани масъалаҳои марбут ба худшиносии инсон, чӣ дар шакли инфиродӣ ва чӣ дар шакли гурӯҳӣ муҳимму зарурӣ мебошад. Алалхусус, таҳқиқи назарияҳои арзишманди мутафаккирони гузашта ва мушаххас намудани арзишу аҳамияти таълимоти онҳо барои замони муосир дорои аҳамияти назариявию амалӣ буда, метавонад дар таҳкими худшиносии насли имрӯз саҳми назаррас гузорад. Таъкиди диссертант дар мавриди он, ки «дар даврони муосир, ки бо сабаби ҷаҳонишавӣ ва ғарбикунонии тамаддуну фарҳанги ҷаҳонӣ ба давлатҳои миллӣ ва халқу миллатҳои кӯчак хавфу хатари аз даст додани ҳувияти таърихӣ ва миллӣ таҳдид мекунад, масъалаи худшиносии шахсият ва худшиносии коллективии миллӣ рӯз ба рӯз мубрам мегардад», гувоҳ аз исботи муҳиммияти мавзуи диссертатсионӣ аст. Вобаста ба ин гуфтан ҷоиз аст, ки масоили марбут ба худшиносиву худогоҳӣ аз ҳарвақта дида, имрӯз ба омӯзишу таҳлил, таҳқиқ ва муайян намудани ҷанбаҳои манфию мусбат ниёзи бештар доранд, зеро таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳама соҳаҳои ҳаёти инсонӣ, аз ҷумла маънавиёт зиёдтар эҳсос мегардад.

Диссертатсияи Болтаева М.Н. дар самти зикршуда саривақтӣ ва дорои арзиши баланди илмию амалӣ мебошад. Муаллиф тавонистааст, дар доираи талаботи мукараргардида ва тавассути методологияи илмӣ мавзуъ, объект ва предмети таҳқикро муайян, ҳадаф ва вазифаҳоро мушаххас ва ҳамоҳангии мантиқии онҳоро таъмин намояд. Ҳамин аст, ки объект ва предмет ба мавзуи таҳқиқотӣ алоқаманд буда, аз иҷрои вазифаҳои гузоштошуда муаллиф ба мақсади муайяннамудаи худ ноил гардидааст. Ҳамзамон, навгониҳои кори диссертатсионӣ бо нуктаҳои ба

ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои бадастомада, тавъам мебошанд. Дар иртибот ба андешаҳои баёнгардида, натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки мавзуи кори диссертатсионӣ дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Унвонҷӯ Болтаева Мунира Негматовна соли 2011 факултети филологияи тоҷикро аз рӯи ихтисоси филолог, омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" хатм намудааст. Солҳои 2011-2018 ба сифати методисти шуъбаи ғоибонаи факултети филологияи донишгоҳи зикршуда фаъолият намуда, аз соли 2018 ба ҳайси ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" корро оғоз намудааст. Соли 2019 дар кафедраи мазкур ба ҳайси унвонҷӯ (фармоиши №426 аз 26.06.2019) қабул гардида, соли 2023 онро хатм кардааст.

Кори диссертатсионии Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафа» аз муқаддима ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мухиммияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд. Муваффақияти муаллифи диссертатсия дар он аст, ки тавассути усулҳои диалектикӣ, синергетикӣ, муқоисавӣ ва методҳои дигари қабулшудаи соҳавӣ андешаҳои мутафаккирони давраҳои мухталифро қиёс намуда, ҳусну қубҳи онҳоро ошкор ва барои замони муосир то кадом дараҷа мувофиқат намудан ва арзишманд будани онҳоро ошкор намудааст.

Қисмати асосии диссертатсияро масъалаи методологии таҳқиқи мавзуи илмӣ, таҳлили таълимоти мутафаккирони шарқию ғарбӣ аз

даврони бостон то асрҳои миёна, инчунин таҳлили масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи даврони муосир ташкил менамояд.

Дар боби якум “Асосҳои илмӣ-методологии таҳқиқи масъалаи худшиносӣ ҳамчун проблемаи фалсафӣ ва инъикоси ҷанбаҳои консептуалии он дар таърихи фалсафа аз даврони қадим то оғози асри XX” мавриди таҳлилу баррасии диссертант қарор гирифта, дар доираи се зербоб – “Моҳияти мафҳумҳои худшиносӣ ва худогоҳӣ”, “Масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи ғарбӣ аз даврони атиқа то оғози асри XX ” ва “Мақоми худшиносӣ дар анъанаҳои динӣ ва фалсафии Шарқ аз даврони қадим то оғози таърихи навтарин” онро ҳаллу фасл намудааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки диссертант дар ин боб ба ҳадафи гузоштаи худ ноил гардида, ҷиҳати таҳлилу таҳқиқи боби дуюми диссертатсия заминаи мусоид гузоштааст.

Боби дуюми кори диссертатсионӣ ба баррасии “Ҷанбаҳои консептуалӣ, назариявӣ ва амалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар фалсафаи даврони муосир” ихтисос дода шуда, дар се зербоб: “Унсурҳои асосии худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таълимоти файласуфони муосир”, “Коркарди ҷанбаҳои фалсафии худшиносии фардӣ ҳамчун омили худамалисозии иҷтимоии шахс дар фалсафаи даврони муосир”, “Файласуфони муосир оид ба нақши худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар рушди ҷомеа” мавриди коркарди диссертант қарор дода шудааст. Диссертант тавонистааст, ки бо истифода аз усулҳои умумифалсафӣ ва умумимантиқӣ масъалаи мавриди таҳқиқи худро таҳлил ва хулосаи дурусти илмӣ пешниҳод намояд.

Хулосаҳои пешниҳоднамуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада низ, аз муҳтавои диссертатсия маншаъ гирифта, комилан хусусияти илмӣ доранд. Ҳар як банди хулоса ба зербоҳои диссертатсия тааллуқ дошта, такрори айнии хулосаҳои зербобҳо набуда, дар маҷмуъ натиҷаи таҳқиқотро ифода менамоянд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда

шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафа» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои фалсафа, дотсент,
мудири кафедраи таърихи фалсафа
ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ Амирхон Ш.Т.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
м. Буни Ҳисорак (шаҳраки Донишҷӯён),
м. Ховарон, минт. 7, х. 100. Тел: +992 933-313-20-20,
E-mail: amirkhonov81@mail.ru

Имзои Ш. Амирхонро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦИАЛ...

22. 06. 2024

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ,17, tgnu@mail.ru. Тел: +992 2217711